Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзуи "Нақши бруцеллаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ.

Мубрамият: Чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёт буда, паҳншавии бемориҳои сироятии зоонозӣ, аз қабили бруцеллёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ, ба ҳосилнокии ҳайвонот ва саломатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Тибқи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), 60% патогенҳои сироятӣ аз ҳайвонот ба одам интиқол меёбанд, ва муаллиф ин масъаларо бо далелҳои илмӣ дар шароити Тоҷикистон тасдиқ намудааст.

Аҳамияти илмӣ ва навгонии таҳқиқот дар омӯзиши бори аввал дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои клиникии бруцеллёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ дар шароити озмоишӣ зоҳир мегардад. Муаллиф паҳншавии ин бемориҳои зоонозиро дар чорводории ширӣ таҳлил намуда, ҳассосияти антигенҳои гуногунро дар усули аксуламали ҳалқагӣ (АҲ) муқоиса кардааст. Истифодаи усули муосири аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП/PCR) барои муайян кардани штамми маҳаллии Brucella abortus ва омезиши бикарбонати натрий (6,8%) бо антигени ранга барои ташхиси фаврӣ, ки натиҷаҳои мусбиро дар 100% ҳолатҳо тасдиқ кардааст, навгонии муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад. Ин усул имкон медиҳад, ки ташхис дар шароити саҳро ва озмоишгоҳ бо суръат ва дақиқии баланд анҷом дода шавад.

Ғайр аз ин, тарҳрезии малҳам ва усораи равғанини гули чойкаҳак (Hypericum scabrum, Hypericum perforatum) ва сесанбарги зарафшонӣ (Thymus seravschanicus Klokov) барои пешгирӣ ва табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии сина, ки бо Нахустпатенти ҶТ № TJ1436 тасвиб шуда ва дар озмуни байналмилалӣ дар Кувайт дар соли 2024 медали биринҷӣ гирифтааст, натиҷаи барҷастаи амалии таҳқиқот аст. Ин доруи гиёҳӣ самаранокии баланд (72,5%-85%) нишон дода, алтернативаи экологиро ба антибиотикҳои кимиёвӣ пешниҳод мекунад, ки муқовимати бактерияҳоро пешгирӣ менамояд.

Методҳои таҳқиқот, аз ҷумла мониторинги эпизоотологӣ, усулҳои серологӣ (АҲ, Роз-Бенгал), бактериологӣ (кишт дар муҳитҳои ғизоии АХД ва Фарелс), молекулавӣ (АЗП) ва биологӣ (санҷиш дар хукчаҳои баҳрӣ), ба стандартҳои илмӣ мувофиқ буда, бо омори кофӣ (2256 намунаи шир, 423

намунаи олудагии пистон ва ғ.) тасдиқ шудаанд. Таҳлили ҳассосияти антибиотикҳо ба изолятҳои салмонелла ва коккҳо нишон дод, ки стрептомитсин, окситетратсиклин ва пенстреп (зиёда аз 86% самаранокӣ) бартарият доранд, ки бо маълумотҳои байналмилалӣ мувофиқ аст.

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. таҳти унвони «Нақши бруцеллаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақил ва бодиққат анҷомёфта буда, саҳми назаррас дар рушди илмҳои микробиологияи ветеринарӣ ва эпизоотология мегузорад. Аз лиҳози мубрамият, навоварии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, ин рисола ба куллӣ ба талаботи муқарраршуда мувофиқ буда, сазовори арзёбии баланди мусбат мебошад.

Автореферати Шарипов Рустам Миралиевич ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мувофиқат дошта, бахусус ба банди 5.1, 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии соҳаи Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ (ихтисоси 06.02.02) мутобиқ мебошад.

Тақриздиҳанда:
муовини Президенти АИКТ,
д.и.б., узви вобастаи АИКТ Амиршозода Ф.С.
01.10.2025 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Амиршозода Ф.С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Ғаниева Г.Э.

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel./Fax.: (+992-37) 221-70-04
E-Mail: aikt91@mail.ru

01.10.2025с.